**Хусусиятҳои инкишофи психикии кӯдак дар синну соли томактабӣ**

Дар синни томактабӣ (аз 3 то 7 сола) организми кӯдак бо суръати тез инкишоф меёбад. Вазни майнаи сари кӯдак аз 1 кг 110 грамм ба 1 кг 350 грамм мерасад. Суръати ташкилшавии рефлексҳои шартӣ ва махсусан системаи дуюми сигналӣ, яъне нутқ бо суръати тез инкишоф меёбад. Махсусан мавқеи кӯдак дар системаи муносибатҳо бо калонсолон, ҳамсолон ба куллӣ тағйир меёбад. Ба ҳар як кӯдак ин ё он супориш дода мешавад ва бо тадриҷ доираи супоришҳои ӯ зиёд мешавад. Ин ба тағйиёбии шаклҳои нави муошироти байниҳамии кӯдаку калонсолон мусоидат мекунад. Дар асоси муошироти байниҳамии калонсолону бачагон мустақилияти онҳо зиёд мешавад. Бачагон ин ё он супоришҳои калонсолонро мустақилона иҷро мекунанд.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи бачагони ин синну сол аз он иборат аст, ки дар ин зинаи синнусолӣ дар бачагон шаклҳои нави муошироти байниҳамӣ ба вуҷуд меояд.

Дар соҳаи психологияи бача хелҳои зерини бозӣ муайян карда шудааст. Масалан, бозиҳои серҳаракат, дидактикӣ, драматизатсионӣ, сюжетнок, сохтмонӣ ва ғайра. Дар синни 2 то 7 солагӣ дар инкишофи психикӣ ва ташаккули сифатҳои маънавии кӯдак бозиҳои эҷодӣ ва ролдор аҳамияти калон дорад. Равоншиносон А. Н. Леонтьев, Д. Б. Эльконин ва А. В. Запорожец бозиҳои ролдорро яке аз фаъолиятҳои пешбарандаи инкишофи психикии бачагони синни томактабӣ мешуморанд.

Чуноне, ки маълум аст, дар синни томактабӣ бозӣ яке аз фаъолиятҳои пешбаранда ва тараққидиҳандаи психкии кӯдак ба шумор меравад. Дар рафти бозӣ дар психикаи кӯдак тағйиротҳои сифатӣ ба вуҷуд меоянд: дар ҷараёни бозӣ бача ба фаъолияти таълимӣ тайёр карда мешавад, ки минбаъд дар мактаб фаъолияти тараққидиҳандаи психикии ӯ **таълим** қарор мегирад.

Ҳамин тавр, талаботи бача дар рафти бозӣ қонеъ мегардад. Дар рафти бозӣ, иҷрои ролҳо ва риояи қоидаҳои роҳу равиши сюжети бозӣ барои он зарур аст, ки ҳамаи бачагоне, ки дар бозӣ ширкат варзидаанд, роли худро хуб иҷро кунанд ва аз дигарон ҳам бо тартиб иҷро кардани ролро талаб намоянд. Бозӣ ба инкишофи диққат ва хотираи ихтиёрии бача мусоидат мекунад. Бозӣ ба инкишофи нутқи кӯдак таъсири мусбат мерасонад, зеро ки дар ҷараёни бозӣ ҳар як кӯдак бо дигарон муошироти нутқӣ барқарор мекунад. Бозӣ ба инкишофи идрок, хотир, тафаккур, хаёл, ҳиссиёт, сифатҳои иродавии характер, худмаҳдудкунӣ, интизомнокӣ ва ботартибӣ, ростқавлию поквиҷдонӣ ва ҳисси масъулият мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, бозӣ на танҳо дар инкишофи протсессҳои психикии кӯдакони синну соли томактабӣ мусоидат мекунад, балки дар рафти бозӣ бачагон ҷисман обутоб ёфта, солиму бардам, чусту чолок мешаванд, кайфияти рӯҳияшон баланд мешавад, хурсанду фараҳманд мегарданд. Зимни бозӣ кӯдак олами иҳота кардаро инъикос мекунад ва як қатор амалҳои меҳнатиро низ иҷро мекунад. Маҳз дар рафти бозӣ маҳорат ва малакаҳои меҳнатии кӯдак инкишоф меёбад.

Дар синну соли томактабӣ доираи дониш ва таҷрибаи ҳиссии бача васеъ шуда, хеле инкишоф меёбад, ба ташаккули идроку тафаккури ӯ шароитҳои мусоид фароҳам меояд. Машғулиятҳо ва ё фаъолияти таълимӣ дар инкишофи тафаккури кӯдак таъсири калон мерасонад. Дар ҳамин синну сол хаёли бача инкишоф ёфта, хеле бою рангин мешавад. Дар охирҳои синни томактабӣ таркиби луғавии кӯдак хеле бой шуда ба сохт ва таркиби грамматикии нутқи ӯ таъсири мусбат мерасонад.

Кӯдак амал ва тарзҳои ҳаракатро иҷро мекунад, ки ин ба ӯ маъқул аст, ҳеҷ гуна мушкилие намеорад. Масалан, кӯдак бо амри дил ва хоҳиши худ пойафзоли шахси калонсолро меорад, ӯ ба модаркалон об медиҳад. Лекин бача ба худ ҳисобот намедиҳад, ки то чӣ андоза хизмати ба ҷо овардаи ӯ аҳамияти калон дорад. Дар рафти иҷрои адои хизмат бача рафтори худро нисбат ба калонсолон маъқул намешуморад. Агар ба рафтору кирдори бача калонсолон баҳо диҳанд ва дар асоси баҳодиҳӣ

дар ӯ нисбат ба дарк кардани «хуб» ё «бад», «мумкин аст» ё «мумкин нест» дониш ва тасаввуроти муайян пайдо мешавад. Пеш аз ҳама бачагон на танҳо ба баҳо додани рафтори ҳамсолон, балки ба кирдору рафтори худ баҳо медиҳанд.

Ҳамин тавр, дар бачагон амали худбаҳодиҳӣ инкишоф меёбад. Худбаҳодиҳӣ барои инкишофи фаъолияти бошууронаи кӯдак ва батартибдарории рафтору кирдори ӯ аҳамияти калон дорад. Ҳиссиёти ғамгинӣ ва хурсандии кӯдак дар нутқи ӯ ва дар муҳокимаҳои ӯ зоҳир мешавад. Яке аз тағйиротҳои муҳими давраи синнусоли томактабӣ ба инкишофи худбаҳодиҳӣ ва худшиносии кӯдак вобаста мебошад.

**Тайёрии психологию педагогии бача ба мактаб** – аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Тайёрии психологию педагогии бача ба мактаб ва таълим на танҳо ба сатҳи захираи дониш ва тасаввуротҳои бача, балки ба дараҷаи инкишофи фаъолияти психикӣ ва пеш аз ҳама, ба инкишофи тафаккури ӯ вобаста мебошад. Зеро аз худ намудани малакаҳои кори таълимӣ аз хонанда талаб мекунад, ки ӯ аз амалҳои фикрӣ: муқоиса, таҳлил, таркиб ва ҷамъбасткунӣ истифода барад.

Албатта, дар рафти тайёрии бача ба мактаб хусусиятҳои фардӣ-психологӣ ва имконияти маърифатии онҳоро ба ҳисоб гирифтан зарур аст. Барои тайёрии бача ба мактаб ба хурдсолон омӯзонидани таҷрибаи бачагони калонсол аҳамияти калон дорад. Бачагони хурдсол мебинанд, ки хоҳари калонӣ ва бародараш дарс тайёр мекунанд, масъалаҳоро ҳал мекунанд, вазифаҳои хонагиро иҷро мекунанд, хушхату зебо менависанд, расм мекашанд, китобу дафтар ва дигар ашёҳои таълимиро бо тартиб дар ҷои муайян мегузоранд.

Дар баробари ин бачаро аз ҷиҳати маънавӣ ва хусусиятҳои иродавӣ ба мактаб тайёр кардан зарур аст. Дар бачагон ҳисси ҳурмату эҳтиромро нисбат ба калонсолон тарбия кардан зарур аст. Барои тайёрии психологию педагогии бача ба мактаб лозим аст, ки сифатҳои иродавии ӯро инкишоф диҳем, чунки бе инкишофи хислатҳои иродавӣ

бача шуурона рафтори худро идора карда наметавонад. Дар лаҳзаҳои дарс диққату диққатнокиашро бача ба иҷрои вазифаҳои таълимӣ равона намояд ва амалу рафтори худро муташаккилона ба тартиб дарорад. Акнун бача ба таври ихтиёрӣ, ҳам амалу рафтори худ ва ҳам аз болои фаъолияти фикрии худ роҳбарӣ карданро ёд мегирад. Дар боби тайёрии психологию педагогии бача ба таълими мактабӣ аз худ намудани донишҳои махсус, маҳорати шумурда тавонистан, ҳисоб, ҳалли масъалаҳои математикӣ аҳамияти калон дорад.

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки қисми зиёди бачагоне, ки ба мактаб меоянд, онҳо аз ӯҳдаи хондан, маҳорати ҳисоб кардан мебароянд. Аз худ намудани малакаҳои хату савод ва элементҳои ибтидоии математикӣ барои бо муваффақият хондан ва омӯхтани дигар фанҳои таълимӣ аҳамияти калон дорад. Шиносонидани кӯдак бо овозҳо, ҳиссаҳо, калимаҳо ва ибораҳо, инчунин бо тартиб нутқ кардан барои ба фаъолияти таълимӣ гузаштан ниҳоят зарур аст.

Натиҷаи тадқиқотҳои равоншиносон нишон доданд, ки дар синфҳои ибтидоӣ он гурӯҳи бачагоне, ки душворӣ мекашанд, на ин ки дар онҳо ҳаҷми дониш ва малакаҳои кори таълимӣ суст инкишоф ёфтааст, балки онҳо дар рафти таълим қобилияти пасти интеллектуалӣ низ зоҳир мекунанд. Дар онҳо хоҳиш ва одати фикр кардан, масъала ҳал кардан, расм кашидан шакл нагирифтааст. Дар рафти тайёрии психологию педагогии бача ба мактаб ба масъалаҳои инкишофи тафаккур ва нутқи ӯ аҳамияти калон додан лозим аст. Бача то ба мактаб омадан бояд аз муҳокимаронӣ истифода барад, сабаби ҳодисаю воқеаҳоро муайян карда, хулосаи муайян барорад. Дар рафти дарсҳо бача ба тарзи суханронӣ ва муҳокимаронии муаллим диққати калон дода, баъд ба хулосаи муайян ояд. Ниҳоят, тайёрии психологию педагогии бача ба мактаб ба ташаккули сифатҳои маънавии ӯ вобаста мебошад.